**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад дар мавзӯи: “Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03. - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Тадкиқоти диссертатсионии Ф.М.Раҳимзода ба яке аз мавзӯҳои муҳими ҳуқуқи оилавии Тоҷикистон, - ҳифзи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон бахшида шудааст.

Мубрамияти кори илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити муосири ҷумҳурӣ оила ва пойдории он яке аз вазифаҳои муҳими ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки фароҳам овардани заминаҳои сиёсии ҳуқуқии рушди оила, ташкили минбаъдаи қонунгузории кишвар дар самти ҳифзи манфиатҳои оила ва аъзои он барои мустаҳкамии оила ва ҳифз намудани ҳуқуқҳои молумулкии ҳамсарон мусоидат хоҳад кард. Инчунин омӯзиш ва таҳқиқи институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ барои таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар нақши ҳалкунанда дорад. Беҳуда нест, ки Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки “қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад”.

Қайд кардан бамаврид аст, ки проблемаи ҳифз намудани манфиати оилавӣ, ба хусус дар ҷодаи мутобиқатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон, моликияти якҷоя ва ҷудогонаи онҳо аҳамияти махсусро касб кардааст. Манфиати умумиоилавӣ дар баробари манфиати аъзои оила тақозо менамояд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҳуқуқи оилавӣ, маданӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ) механизми ягона ва самараноки таъмини ҳуқуқии манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои молумулкии аъзои оила коргузор ва амалӣ карда шаванд.

Навгонии таҳқиқоти илмӣ дар он ифода мегардад, ки нахустин маротиба дар ҳуқуқи оилавии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки проблемаҳои ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон дар оила ҳамчун омили танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ мавриди таҳқиқи қарор дода шавад. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф ба хулосаҳои амиқ барои такмили қонунгузории мамлакат таклифҳо пешниҳод намудааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, чуноне ки муаллиф қайд менамояд аз натиҷаи омӯзишу таҳлили ҳаматарафа ва воқеъбинонаи

нуқтаи назари гуногуни олимон ва қонунгузорӣ оид ба институти манфиати оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳуқуқии оилавии ҳамсарон иборат мебошад, ки онҳо аз навгонии таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд.

Кори илмии пешниҳодшуда бо таҳқиқи комплексии назариявии проблемаҳои манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон, инчунин таҷрибаи ҳуқуқтадқиқоткунӣ дар ин самт равона карда шудааст. Диссертатсия маҳсули эҷодии чандинсолаи муаллиф дар ин самти ҳуқуқи оилавӣ ба ҳисоб меравад. Хулосаҳои муаллиф дар мавриди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки баҳри ҳифзи манфиати оила равона карда шудааст, истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои амалии муаллиф бошад, барои такмили қонунгузории оилавӣ ва маданӣ, ки барои мукаммал гардонидани танзими ҳуқуқии манфиати оила дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон мусоидат мекунад.

Таҳлили илмии проблемаҳои манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон, муаллифро водор намудааст, ки хулосаҳои зеринро пешниҳод намояд:

1. Ба андешаи муаллифи диссертатсия оила иттифоқи озод, ихтиёрона ва баробарҳуқуқии зану шавҳари ба никоҳ, хешовандӣ, таваллуди фарзандон, фарзандхонӣ ва дигар шаклҳои қабули кӯдакон барои тарбия асосёфтае мебошад, ки бо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, зиндагии якҷоя ва хоҷагии умумӣ алоқаманд мебошад.

2. Дар диссертатсия асоснок карда мешавад, ки манфиати умумиоилавӣ бояд аз манфиатҳои ҳар яке аз аъзои алоҳидаи оила афзалтар бошад ва ҳангоми ихтилофи онҳо афзалият бояд ба манфиати ҳамсаре дода шавад, ки ба манфиати умумиоилавӣ амал менамояд. Қонунгузорӣ бояд ҳуқуқҳои субъективии аъзои оиларо, ки манфиатҳои онҳо бо манфиати умумиоилавӣ мувофиқат мекунад, афзалиятнок эътироф карда, амалигардии онҳоро эътироф намояд.

3. Ба андешаи муаллиф тибқи Кодекси манзил ба аъзои оилаи молик на танҳо шахсони бо он доимо зиндагикунанда, балки дар ҳолатҳои истисноӣ бо розигии ӯ зиндагӣ менамоянд эътироф карда мешаванд (м.24). пешниҳод карда мешавад, ки дари мавриди қатъи робитаҳои оилавӣ, шахс ҳамчун аъзои оилаи молик боқӣ мемонад ё аъзои собиқи оила ҳисобида мешавад, бояд дар асоси меъёрҳои Кодекси оила, на манзил муқаррар карда шавад [1-М].

4. Дар диссертатсия асоснок карда мешавад, ки речаи ҳуқуқии молумулки ҳамсарон маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқие мебошад, ки меъёрҳои иҷозатдиҳӣ, мапнъкунӣ ва уҳдадориҳои мусбиро дар бар гирифта, имконияти истифодаи молумулкро тибқи Қонун ва (ё) шартнома вобаста ба манфиати умумиоилавӣ ва (ё) манфиати алоҳидаи ҳар яке аз ҳамсарон ба танзим медарорад [3-М].

5. Дар кори илмӣ асоснок карда мешавад, ки агар дар давраи акди никоҳ молумулки якхела ё баробарарзиши яке аз ҳамсарон бегона карда шуда ва маблағи аз ҳисоби он ба даст омада, ба манфиати умумии оила сарф карда шавад, он гоҳ чунин молу мулк ҳамчун моликияти якҷояи ҳамсарон дар қонунгузорӣ эътироф карда шавад [4-М].

6. Қарзи умумии ҳамсарон новобаста аз оне ки кадоме аз ҳамсарон қарздор мебошад, уҳдадории ҳамаи оила ба ҳисоб меравад. Қонунгузор агарчанде ки номгӯи васеӣ объектҳои ҳуқуқи мадании ҳозиразамонро ба молумулки умумии ҳамсаронро дохил намояд ҳам, уҳдадориҳои қарзиро ба ҳайси предмети мустақили тақсими молумулки ҳамсарон муқаррар наменамояд. Аз ин ҷо пешниҳод карда мешавад, ки қарзи ҳамсарон, ки ба манфиати умумии оила дахл менамояд ба ҳайси объекти мустақил дар м. 34 КО ҶТ муқаррар карда шавад [6-М].

Дар диссертатсия бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон як қатор пешнҳодҳо карда мешавад, аз ҷумла:

- ба м 36 КО ҶТ қ. 2 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

"2. Молу мулки яке аз ҳамсарон метавонад моликияти якҷояи ҳамсарон эътироф карда шавад, агар маолумулки якхела ё баробарарзиши ҳамсари дигар дар давраи ақди никоҳ бегона карда шуда, маблағи ба даст овардашуда ба эҳтиёҷоти умумии оила сарф карда шуда бошад.".

- қ. 1 м. 39 КО ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"1. Ҳангоми тақсими молумулки умумии ҳамсарон баробар эътироф мешаванд, агар дигар муқаррарот дар аҳдномаи байни ҳамсарон пешбинӣ нашуда бошад ва ба манфиатҳои оила мухолифат накунад".

Дар диссертатсия бо мақсади такмил додани қонунгузорӣ дигар таклифҳо низ пешниҳод карда шудаанд.

Аксарияти хулоса ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия асоснок буда, баҳри такмили қонунгузорӣ ва беҳтар намудани фаъолияти амалии мақомоти давлатӣ равона карда шудаанд. Сарчашмаҳои аз ҷониби

истифодашуда бори дигар исбот менамоянд, ки барои интихоби мавқеи илмӣ, ки навгонии тадқиқотро тасдиқ менамояд, муаллиф устуворона кӯшиш намудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое ки дар диссертатсия пешниҳод шудааснд, асоснок буда, аз навгониҳо иборат мебошад. Маводҳои диссертатсия дар ҷараёни таълим, фаъолияти қонунгузорӣ ва амалияи мақомоти давлатӣ истифода бурдан мумкин аст.

Хулосаҳои асосии диссертатсия дар корҳои илмии нашршуда инъикоси худро ёфтанд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсия ва семинораҳои илмӣ муқаррар карда шуданд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад дар мавзӯи "Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03. кори илмии баитмом расида ҳисобида шуда, барои илми ҳуқуқи оилавӣ аҳамияти муҳим дошта эътироф кардан мумкин аст аз рӯи ҳуқуқи граждании, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Кори илмӣ ба талаботҳое, ки барои рисолаҳои номзадӣ паҳн мешавад пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Роҳбари илмӣ – ҳуқуқшиноси**
**шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**академики АМИТ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор** **Маҳмудзода М.А.**

**Имзои Маҳмудзода М.А.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ** **Абдураҳмонзода Б.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

22.05.2024